Мундарича

Сарсухан ……………………………………………………..2 – 5

1. Шарҳи мухтасари қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012 №451.........................6 – 17

2. Мухтасар оиди тартиби оғоз намудан ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ....................18 – 20

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” аз 31.08.2012 №451 ........................................…………………..21- 47

*“Мо бояд дарк намоем, ки пешрафти соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ - ин воридшавии мунтазами андоз ба буҷет ва дар айни замон, зиёдшавии ҷойҳои корист”.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

## Сарсухан

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби соддакардашуда андозбандӣ карда мешаванд.

Аммо бояд ба назар гирифт, ки ин табақаи андозсупорандагон ниҳоят сершумор буда, ба соҳибкорӣ ҷалб гардидани онҳо барои ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Бинобар ҳамин, масъалаи интихоби речаи мувофиқи андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна наметавонад аз мадди назари давлат дар канор монад ва маҳз бо назардошти муҳимияти масъала шакли бо патент андозбандӣ кардани соҳибкорони инфиродӣ ҷорӣ карда шуда, чунин тартиб самаранокии худро пеш аз ҳама барои шаҳрвандоне, ки имконияти ба соҳибкории хурду миёна машғул шуданро доранд, имрӯзҳо низ собит намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз сершумор будани теъдод, барои назорати андози соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, хароҷоти зиёд зарур намебошад, зеро фаъолияти онҳо мавриди санҷиши ҳуҷҷатии андоз қарор дода намешавад.

Бояд боз як нуктаи дигари муҳимро ҳам қайд намуд, ки дар ибтидо истифодаи патент ҳамчун зинаи нахустини ворид гаштани шаҳрванд ба иқтисоди бозаргонӣ дар назар дошта шуда буд.

Яъне шаҳрванд бо тартиби соддатарини андозбандӣ, ба соҳибкорӣ оғоз намуда, пас аз пайдо кардани таҷриба ба тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад ва аллакай ҳуқуқ дорад, ки коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, инчунин ӯҳдадор аст муҳосиботро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозро пешниҳод намояд.

Дар ҳар сурат барои дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудани андозсупоранда ва пурра ба иқтисоди бозаргонӣ ворид гаштани он, ин зина ҳам метавонад як зинаи навбатӣ ва касб кардани таҷрибаи кофии соҳибкорӣ бошад.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», ки аз 1 июли соли 2009 мавриди амал қарор дорад, тартиби гузаштан аз қайди давлатӣ ва ба фаъолият оғоз намудани соҳибкорони инфиродӣ тамоман содда гардонида шудааст ва аз 3 рӯзи корӣ бештарро дар бар намегирад.

Тибқи маълумоти мақомоти андоз соҳибкорони инфиродӣ, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, дар маҷмӯъ аз чунин тартибҳои соддаи андозбандӣ ва бақайдгирии давлатӣ қаноатманд мебошанд.

Бинобар ҳамин, бо назардошти барои шаҳрвандон содда ва қулай будани тартиби ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ бо патент ва шаҳодатнома, кам будани гаронии андоз барои шаҳрвандоне, ки бо ин шакл ба соҳибкорӣ машғул мешаванд, тартиби мазкур дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад, низ нигоҳ дошта шуд. Тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав низомҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бе ташкили шахси ҳуқуқӣ хело содда ва ба шароити имрӯзаи бозоргонӣ мутобиқ карда шудааст.

Дорандагони патент тибқи қонунгузории андоз барои бурдани ҳисоби муҳосибӣ, мавриди истифода қарор додани мошинаҳои назоратии хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ӯҳдадор намебошанд.

Соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, ҳуқуқ дорад аз рӯи маҳалли фаъолияти худ дар кадом ноҳияе, ки бошад, бақайдгирии давлатиро гузарад.

Барои ба муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мутобиқ намудани тартиби бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009 таҳти №656 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии шахсони воқеие, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд ва муқаррар намудани андозаи андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), аз ҷумла роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахси ҳуқуқӣ

намебошад» такмил дода шуда, аз 31 августи соли 2012, №451 дар таҳрири нав қабул гардида, дар асоси он “Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” тасдиқ карда шуд, ки аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад.

Ҳангоми таҳияи қарори мазкур тағйироту иловаҳо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати бақайдгирӣ, назорати фаъолият ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ ба инобат гирифта шуд, аз он ҷумла аз номгӯи андозҳо хориҷ гардидани андоз аз фурӯши чаканаи молҳо, минбаъд супорандаи андоз аз арзиши иловашуда (ба истиснои воридотӣ) ба ҳисоб нарафтани соҳибкори инфиродӣ, то андозае баробар намудани ҳуқуқҳои соҳибкорони инфиродӣ ба ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ такмил дода шудани низоми андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда.

Воқеан, таҳлили рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009 таҳти №656 нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо муқаррароти алоҳидаи он миёни кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорони инфиродӣ баҳсҳоро ба миён оварда, татбиқи амалии онро душвор месохт, аз ҷумла мураккаб будани истифодаи гурӯҳбандии намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент, дар нуқтаҳои калони савдо истифода гардидани андозбандӣ бо патент, пешбинӣ нагардидани имтиёзҳо дар мавридҳои бемори бистарӣ шудани соҳибкорони инфиродӣ, ҳангоми сӯхтори нуқтаҳои фаъолияти онҳо, вуҷуд доштани эродҳо оиди зиёд будани меъёри андози иҷтимоӣ (15 сомонӣ) барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва амсоли он.

Ҳангоми таҳияи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 31 августи соли 2012 дар баробари дигар омилҳои дар боло зикргардида, инчунин масъалаи тайи се соли охир индексатсия нашудани меъёри андозҳои дар асоси патент ситонидашаванда низ ба инобат гирифта шуд. Аммо тибқи таҳлилҳои пешакӣ тағйироту иловаҳо ба қонунгузории андоз дар қисмати андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, бори андозро барои онҳо бештар наменамояд ва чунин тартиби фаъолият барои шаҳрвандон содда, қулай ва дастрас боқӣ мемонад.

Мақсад аз таҳияи Тафсири мазкур барои доираи васеи андозсупорандагон ва шаҳрвандон фаҳмондани ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳояшон ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна мебошад, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома анҷом дода мешавад.

Барои қулай гаштани истифодаи Тафсири мазкур, ба он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" замима карда шудааст.

**Шарҳи мухтасари**
**Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд**

(Тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд")

## I. Муқаррароти умумӣ

Дар асоси муқаррароти банди 1 "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" (минбаъд дар қавсайн рақами банди Қоидаҳо нишон дода мешавад), шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ метавонанд, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом диҳанд.

Ҳамзамон, соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ дорад, ки танҳо дар асоси як варақаи патент, ё як варақаи шаҳодатнома фаъолият намояд, яъне ӯ ҳуқуқ надорад, ки дар як вақт бо ду ва зиёда варақаи патент, ду ва зиёда варақаи шаҳодатнома, инчунин дар як вақт ҳам бо варақаи патент ва ҳам бо варақаи шаҳодатнома фаъолият намояд (2).

Шахси воқеие, ки аз бақайдгирии давлатӣ нагузашта, патент ва ё шаҳодатнома нагирифта, дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ эътироф карда мешавад. Пас аз татбиқ намудани ҷаримаи маъмурӣ ё дигар намуди муҷозот чунин шахс вобаста ба намуди фаъолияташ ҳамчун дорандаи патент ё шаҳодатнома андозбандӣ карда мешавад (3). Дар воқеият ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки шахсони воқеӣ аз қайди давлатӣ нагузашта, варақаи патент ё шаҳодатномаро нагирифта, ба ин ё он намуди соҳибкорӣ машғул мешавад ва бо баҳонаи он ки патент ё шаҳодатнома надорад, аз супоридани андоз саркашӣ менамояд. Муқаррароти номбурда ба мақомоти андоз ваколат медиҳанд, ки чунин шахсонро сарфи назар аз он ки ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ аз қайди давлатӣ гузаштаанд, ё не, андозбандӣ намоянд.

Соҳибкори инфиродие, ки мехоҳад фаъолияти соҳибкории худро идома надиҳад, бояд тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ қатъи фаъолияти соҳибкории худро ба расмият

дарорад (4). Дар акси ҳол фаъолияти ӯ ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад ва аз ӯ андозҳо ситонида мешавад.

Даромадҳои соҳибкори инфиродие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ гардидаанд, ба даромади умумии андозбандишавандаи соҳибкор дохил карда намешаванд (5).

## II. Фаъолият бо Патент

Дар асоси патент танҳо ҳамон шахсе ҳуқуқи фаъолият карданро дорад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст. Яъне аъзои оилаи ӯ, хешовандон, умуман шахсони дигар ҳуқуқ надоранд бо ин патент фаъолият намоянд. Дар ҳолати хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ намудан, чунин шахсон бояд аз нозироти андози маҳалли фаъолият **ба номи худ** патенти алоҳида гиранд (6).

Пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ буда, аз ҳаҷми даромади ба дастовардаи соҳибкор вобастагӣ надорад (7). Яъне, новобаста аз ҳаҷми даромади ба дастомада ва гардиши мол (то 100 ҳазор сомонӣ дар соли тақвимӣ) то давраи расман қатъ намудани фаъолият маблағи патент тибқи Номгуй аз ҷониби соҳибкор бояд ба буҷет пардохта шавад.

Соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, ӯҳдадор аст шартҳои зеринро риоя намояд (8):

- патент ба номи ӯ дода шуда бошад;
- маблағи патентро дар шакли пешпардохт, пардохт намояд. Бе пешниҳоди расиди пардохт, патент барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ асос шуда наметавонад;
- дар фаъолияти худ коргари кироярo истифода нанамояд;
- ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (воридот ва содироти молҳо) машғул нагардад;
- даромади умумӣ аз фаъолияти соҳибкориаш дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад;
- намуди фаъолияти соҳибкории ӯ дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ шудааст, дарҷ гардида бошад. Дар ҳолати дар Номгӯи номбурда пешбинӣ нагардидани намуди фаъолият, **шахсони масъули мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ** ҳуқуқи патент додан ё

истифодаи маблағи дигар намуди фаъолият аз рӯи патентро ба намуде, ки дар Номгӯй пешбинӣ шудааст, надоранд. Дар ин ҳолат, агар бо назардошти банди 28 Қоидаҳо барои анҷом додани чунин фаъолият маҳдудият пешбинӣ нашуда бошад, ба соҳибкори инфиродӣ шаҳодатнома дода мешавад.

Барои муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар асоси қонунгузории меҳнат бо роҳи ба имзо расонидани шартномаи меҳнатӣ ва ё мутобиқ ба тартиби (низоми) кории шахси ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд, инчунин барои анҷом додани хизматрасонӣ танҳо ба як шахс, гирифтани патент манъ аст. Яъне, дар ҳолате, ки фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо истифодаи кори кироя алоқаманд аст (давомнокии кори якрӯза, оғоз ва анҷоми рӯзи корӣ, фаъолият танҳо барои 1 фармоишгар ва ғ.), ӯ бояд тибқи қонунгузории меҳнат коргарони кирояро ба кор қабул карда, музди меҳнат ҳисоб намояд ва тибқи талаботи Кодекси андоз, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро ҳисоб ва ба буҷет пардохт созад (ба истисноси хизматрасонии маишӣ ва ғайра ба шахси воқеие, ки соҳибкор намебошад).

Истифодаи меҳнати кироя бо гирифтани патент, танҳо дар сохтмонҳои шахсии минбаъд барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифоданашавандаи шахсони воқеӣ, иҷозат дода мешавад (9).

Ҳангоми ба талаботҳои дар боло муқарраршуда мутобиқат накардани фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки бо патент фаъолият менамояд, чунин соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи истифодаи системаи патентиро надорад ва ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ барои тибқи тартиби муқарраргардида қатъ намудани фаъолияти худ ариза диҳад. Дар ҳолати риоя накардани ин талабот чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозаи моҳонаи маблағи патенти ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад.

*Мисол. Соҳибкори инфиродӣ Самиев Т. дар асоси патент дар шаҳри Душанбе ба фаъолияти "кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав" машғул аст. Маблағи патент барои ин намуди фаъолият дар ш.Душанбе 108 сомонӣ барои як моҳ муқаррар гардидааст. Соҳибкор маблағи патентро барои моҳҳои январ – феврал пардохт намуда, ба кашонидани мусофирон машғул шудааст. Бо пардохти маблағи патент дар моҳҳои март – декабр бошад, ба кашонидани кормандони ҶДММ "Субҳ" машғул гардидааст. Дар ин маврид бинобар сабаби дар фаъолияти соҳибкор* ***ҷой доштани нишонаҳои кори кироя*** *10800 сомонӣ (1080 х 10) аз*

*ҳисоби корфармо ба буҷет ситонида мешавад. Ҳамзамон пардохтҳои иҷтимоӣ оид ба чунин соҳибкор ба ӯҳдаи корфармо гузошта мешавад. Зеро фаъолияти чунин соҳибкор бо ҶДММ "Субҳ" бояд ҳамчун корманди кироя ба расмият дароварда мешуд. Дар дигар ҳолатҳои дар бандҳои 8, 9 ва 10 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 муқарраргардида, ӯҳдадории пардохти маблаг ба зиммаи худи соҳибкорони инфиродӣ гузошта мешавад.*

Дар ҳолати пешпардохти маблағи патент барои моҳи (моҳҳои тақвимии) дилхоҳ шаҳрванд ҳуқуқи бо патент фаъолият карданро дорад. Нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ бошад, андозбандии онҳо тибқи патент айнан мисли резидентон сурат мегирад ва то мӯҳлате, ки дар раводид ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ дарҷ гардидааст, амалӣ мегардад. Дар ҳолати ба охир расидани мӯҳлати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби чунин шахсон бояд фаъолияти соҳибкорӣ қатъ карда шавад, ё мӯҳлати раводид, ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ то лаҳзаи ба охир расидани иҷозати қаблӣ аз нав дароз карда шавад (10).

Маблағи патент аз рӯи намуди фаъолият тибқи Номгӯй, бо назардошти коэффисиентҳои минтақавӣ вобаста ба маҳалли фаъолият муайян карда мешавад.

Соҳибкор ҳуқуқ дорад маблағи пардохти патентро аз рӯи фаъолияташ бо истифода аз коэффисиенти:

- барои шаҳри Душанбе муқарраршуда пардохт намуда, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият намояд;
- баландтарини барои шаҳру ноҳияҳои вилоят муқарраршуда пардохт намуда, дар қаламрави ҳамин вилоят фаъолият намояд;
- бандтарини барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муқарраршуда пардохт намуда, фаъолияташро дар ду ва зиёда шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба роҳ монад.

Агар соҳибкор танҳо дар ҳудуди як шаҳр (як ноҳия) ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, пас ӯ маблағи патентро бо назардошти коэфиссиенти барои ин шаҳр (ноҳия) муқарраршуда пардохт менамояд.

Дар ҳолати риоя накардани ин талаботҳо соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор мешавад маблағи патентро аз рӯи меъёрҳои барои шаҳри Душанбе муқарраршуда пардохт намояд (13).

Дар қарори нав тартиби андозбандӣ ҳангоми машғул шудан ба ду ва ё зиёда намуди фаъолият дар асоси патент нисбатан соддатар карда шудааст.

Дар сурати хоҳиши анҷом додани ду ва ё зиёда намудҳои фаъолият, ки дар Номгӯй муқаррар шудаанд, соҳибкор маблағи патенти баландарини барои ин фаъолиятҳо муайяншуда ва 20 фоизи маблағи патенти барои дигар намуди фаъолиятҳо муқарраршударо пардохт менамояд (15).

*Масалан, соҳибкор дар шаҳри Душанбе ба "Фурӯши яхмос" машғул мебошад. Ҳамзамон мехоҳад "Фурӯши нушокиҳои ғайриспиртӣ"-ро низ дар шаҳри Душанбе ташкил намояд. Маблағи патент тибқи Номгӯй аз рӯи фаъолияти якум 162 сомонӣ ва аз рӯи фаъолияти дувум 108 сомониро ташкил медиҳад.*

*Соҳибкар барои анҷом додани ин ду намуди фаъолият 183,6 сомонӣ (162 + 21,6) маблағи патенро ба буҷет пардохт менамояд.*

Тибқи қарори амалкунанда (аз 2 декабри соли 2009 таҳти №656) агар соҳибкор то охири моҳи чорӣ фаъолияти худро расман қатъ намекард, пас ӯ ӯҳдадор буд, ки барои моҳи минбаъда маблағи патентро пурра супорад. Дар қарори нав ӯҳдадорӣ барои пардохти маблағи патент то санаи 5-уми моҳи тақвимии минбаъда ба миён намеояд. Яъне, агар соҳибкор хоҳиши қатъ намудани фаъолияти худро дошта бошад, ӯ метавонад то санаи 5-уми моҳи минбаъда ба мақомоти андоз мурочиат намуда, дар ин мӯҳлат фаъолияти соҳибкориашро қатъ намояд (17).

*Масалан, Соҳибкори инфиродӣ Асоев Т. Маблағи патентро барои моҳи май пардохт намуда, фаъолият дорад. То анҷоми моҳи май ба хулоса омадааст, ки фаъолияташро қатъ намояд. Дар ин маврид ӯ бояд то санаи 5-уми моҳи июн барои қатъ намудани фаъолият мурочиат намояд. Дар акси ҳол ин соҳибкор ӯҳдадор аст маблағи патентро барои моҳи июн низ пардохт намояд.*

Инчунин муқаррароти нав ин аст, ки агар соҳибкор бемори бистарӣ бошад, дар маҳалли фаъолияташ сӯхтор ба амал ояд, ё соҳибкори инфиродӣ фавтида бошад, ки чунин омилҳо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро ғайриимкон менамояд, ва оид ба ҳолатҳои номбурда пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои асосноксозанда маблағи патент барои ин давра пардохт карда намешавад (18).

Баъд аз ҷамбасти соли тақвимӣ, соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ӯҳдадор аст, ки на дертар аз 1 марти соли минбаъда бо мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худ оиди маблағҳои пардохтнамудааш санади муқоисавӣ тартиб диҳад. Тартиб додани санади муқоисавӣ байни соҳибкори инфиродӣ ва мақомоти андоз **ҳатмӣ** мебошад.

***Барои иҷрои ин банд соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бояд расидҳои бонкиро барои соли фаъолияташ то давраи тартиб додани санади муқоисавӣ нигоҳ дорад.***

Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки бо патент фаъолият менамояд, иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ки мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкоронӣ инфиродӣ" мебошад, ки аз ҷониби шӯъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти соҳибкор дода мешавад.

**Яъне, то лаҳзае, ки мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ фаъолияти соҳибкори инфиродиро бо тартиби муқарраршуда қатъ нанамояд, фаъолияти ӯ ҳамчун идомадодашуда эътироф мегардад ва соҳибкор ӯҳдадор аст пардохти маблағи патентро таъмин намояд.**

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 ***Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент муқаррар гардидааст*** *(Замимаи 2)*.

Дар Номгӯй бо роҳи гурӯҳбандии намудҳои фаъолият маблағи патент ба ҳар як намуди фаъолият дар алоҳидагӣ муайян карда шудааст.

Тағйиротҳои асосӣ дар ин самт нисбат ба тартиби амалкунанда аз инҳо иборат мебошанд:

- дар гурӯҳи 9 ("Фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хӯрока дар растаҳо") маблағи патент вобаста ба майдони савдои соҳибкорӣ инфиродӣ муайян гардидааст. Дар Номгӯи амалкунанда сарфи назар аз ҳаҷми майдони савдо ё миқдори молҳое, ки ба фурӯш бароварда мешуд, маблағи патент аз рӯи котегорияҳои 1.1 гурӯҳи 1 ё категорияи 1.4 гурӯҳи 4 бо маблағи 115 сомонӣ (бе коэффисиентҳои танзимкунанда) муқаррар гардида буд, ки миёни соҳибкорон

норозигиро ба миён меовард. Зеро новобаста аз ҳаҷми гардидиши мол маблағи якхела - 115 сомонӣ пардохт карда мешуд.

Аз 1 январи соли 2013 маблағи патент вобаста ба ҳаҷми ҷойи савдо муқаррар шудааст. Яъне барои савдо дар растаҳои то 1м$^2$ - 60 сомонӣ, барои савдо дар майдони то 4 м$^2$ маблағи патент ба 210 сомонӣ баробар мебошад (бе коэффисиентҳои танзимкунанда);

- дар гурӯҳи 10 (“Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ то 6 м$^2$ (бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо)” соҳибкори инфиродӣ дар ҷойи савдои то 10 м$^2$ ҳуқуқи дар асоси патент фаъолият намуданро дорад. Вобаста ба минтақаи фаъолият барои аз 6 м$^2$ маблағи патент ва коэфиссиентҳои минтақавӣ муқаррар гардида, барои ҳар як метри квадратии иловагӣ 45 сомонӣ (30 сомонӣ андози иҷтимоӣ ва 15 сомони андози даромад) пардохта мешавад.

Ин амал пеш аз ҳама барои он соҳибкороне равона гардидааст, ки маблағи муайянро дар шакли патент пардохт намуда, ба мақомоти андоз ҳар моҳ ҳисобот пешниҳод наменамоянд. Ҳамзамон, чунин шахсон дар фаъолияти соҳибкорӣ мошинаҳои назоратии хазинавии дорои хотираи фискалиро истифода намебаранд. Зеро тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 38 Кодекси андоз соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда аз истифодабарии мошинаҳои назоратии хазинавӣ озод мебошанд.

Инчунин, дар асоси қарори нав ба соҳибкори инфиродӣ имконият дода шудааст, ки аз рӯи ин намуди фаъолият ихтиёран тартиби пардохти андозҳоро интихоб намояд, яъне соҳибкор фаъолияти хешро метавонад дар асоси патент ва ё бо гирифтани **шаҳодатномаи соҳибкорӣ** ба роҳ монад;

- дар гурӯҳи 14 Номгӯй (“Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ”) дар растаҳои то 2м$^2$ ва аз 2м$^2$ то 4м$^2$ маблағи патент муайян карда шудааст ва дар ҳолати аз 4 м$^2$ зиёд будани майдони савдо ба соҳибкоре, ки дар ин нуқтаи савдо фаъолият менамояд, шаҳодатномаи соҳибкорӣ дода мешавад.

Ба намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар Номгӯй дарҷ нагардидаанд, шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.

## III. Қоидаҳои андозбандии фаъолият дар асоси шаҳодатнома

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро ба истиснои фаъолиятҳои зерин анҷом диҳад:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
- фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ;
- фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок;
- фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин;
- қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо ва монанди инҳо, ки бояд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият намоянд;
- фаъолияти савдо ва (ё) хизматрасонӣ, ё фаъолият доир ба хӯроки умумӣ, агар масоҳати ҷойи фаъолият аз 30 $м^2$ зиёд бошад. Фаъолияти савдо ва (ё) хизматрасонӣ, ё фаъолият доир ба хӯроки умумӣ. Агар масоҳати ҷойи фаъолият то 30 $м^2$ бе тақсимоти биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо бошад, чунин субъект метавонад ҳамчун соҳибкор тариқи шаҳодатнома фаъолият кунад. Дар ҳолати аз 30 $м^2$ зиёд будан бояд фаъолият дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад;
- фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳои варзишӣ;
- ташкили сеххои оҳангудозӣ.

Ин намудҳои фаъолиятҳои соҳибкорӣ бо роҳи ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Вобаста ба намуди фаъолият соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, мувофиқи низомҳои зерини махсуси андозбандии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда метавонанд:

- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи шаҳодатнома амалӣ менамоянд;
- низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои тиҷорати бозӣ.

Вобаста ба низоми муқарраргардида, соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадориҳои андозии худро муайян намуда, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд.

Ҳангоми дар як вақт истифода намудани ду низоми махсуси андозбандӣ соҳибкор ӯҳдадор аст аз рӯи ҳар як низом баҳисобгирии алоҳидаи даромадҳо, хароҷот ва амалиёти хоҷагидории анҷомдодашавандаро пеш барад.

Дар ҳолати дар давоми соли андоз аз ҳисоби ҳамаи намудҳои фаъолиятҳо аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд будани даромади умумии соҳибкорони инфиродӣ, чунин соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқи дар асоси шаҳодатнома фаъолият намуданро аз даст медиҳанд ва ӯҳдадор мешаванд фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монанд.

Ӯҳдадориҳои андозии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз натиҷаи фаъолияти соҳибкории ӯ вобаста мебошад. Соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобдории муҳосибии худро ба роҳ монад.

Бо назардошти такмил ёфтани қонунгузории ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз 01.01.2013 мавриди амал қарор дода мешавад, инчунин барои то андозае баробар намудани сатҳи ҳифзи иҷтимоии худи соҳибкорони инфиродӣ ва кормандони кироя, меъёри андози иҷтимоии соҳибкори инфиродӣ новобаста аз даромади бадастомада наметавонад аз 150 сомонӣ, ки ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ аз рӯи фаъолият дар асоси патент мебошад, кам бошад.

*Мисол:*

*1. Даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар моҳи феврали соли 2013 ба 98000 сомонӣ баробар мебошад. Меъёри андози иҷтимоӣ 1% аз даромади умумӣ муқаррар гардидааст ва аз ин ҳисоб маблаги андози иҷтимоӣ 980 сомониро ташкил менамояд.*

*Бо назардошти он ки маблаги ҳисобшудаи андози иҷтимоӣ дар ин моҳ аз ҳадди камтарини муқарраргардида - 150 сомонӣ дар як моҳ зиёд аст, ба буҷети ҳифзи иҷтимоӣ 980 сомонӣ андози иҷтимоӣ пардохт карда мешавад.*

*2. Даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар моҳи феврали соли 2013 6500 сомониро ташкил менамояд, ки андози иҷтимоӣ аз ин ҳисоб ба 65 сомонӣ баробар мегардад.*

*Дар ин ҳолат, бо назардошти он ки мабаҒи андози иҷтимоии ҳисобшуда аз ҳадди камтарини андози иҷтимоӣ барои фаъолият дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ дар асоси шаҳодатнома (150 сомонӣ) кам мебошад, соҳибкор ӯҳдадор аст барои моҳи феврал ба буҷет 150 сомонӣ пардохт намояд.*

Новобаста аз он, ки андоз аз фурӯши чакана аз номгӯи андозҳо хориҷ гардидааст, дар ҳолати ҳисобаробаркунӣ бо пули нақд соҳибкори инфиродӣ ӯҳдадор аст, ки тибқи тартиби муқарраршуда мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотироти фискалиро (МНХ) истифода барад. Мақсад аз истифодаи МНХ, пеш аз ҳама дуруст ба роҳ мондани муҳосибот ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон аст. МНХ, яке аз воситаҳои асосии муайянкунандаи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсадҳои андозбандӣ мебошад.

Гузариш аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ танҳо аз оғози сол амалӣ карда мешавад.

Ҳадди муқарраргардида барои фаъолият дар низомҳои имтиёзноки андозбандӣ, ки соҳибкори инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамояд, 500 ҳазор сомонӣ дар соли андоз муқаррар гардидааст.

Дар мавриди аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд шудани даромади умумӣ дар давоми сол, соҳибкори инфиродӣ, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамояд, ӯҳдадор аст, ки:

1. Агар дар яке аз 12 моҳи пай дар пайи тақвимӣ даромади ӯ аз ин ҳад зиёд шуда бошад, ӯҳдадор аст то санаи 10 моҳи минбаъда, барои қатъ намудани фаъолияти худ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ муроҷиат намуда, дар мавриди идомаи додани фаъолият худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирад.

2. То охири сол дар ҳамин низоми андозбандӣ фаъолият карда, аз 1-уми январи соли минбаъда тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолияти худро идома медиҳад ва ҳамзамон ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта мешавад.

*Масалан, Соҳибкори инфиродӣ Соҳибов З. дар моҳи январи соли 2013 ба фаъолият оғоз намуда, дар моҳи июли ҳамин сол даромади умумиаш ба 515 ҳазор сомонӣ баробар гардид. Дар чунин ҳолат, соҳибкор бояд то 10 августи ҳамин сол ба мақомоти андоз муроҷиат намуда, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ фаъолияти худро қатъ намояд ва аз 1- уми август бо роҳи ташкили шахси ҳуқуқӣ*

*фаъолияти худро ба роҳ монад, то ҷамъбасти соли андоз, андоз тибқи низоми соддакардашудаи андозбандиро пардохт карда, аз 1-уми январи соли 2014 ба низоми умумии андозбандӣ (супорандаи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ва дигар андозҳо ҳангоми ба миён омадани ӯҳдадориҳо) гузашта, инчунин аз ҳамин сана ҳамчун супорандаи ААИ ба қайд гирифта мешавад.*

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" таъсис додани воҳидҳои махсусро аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ҳамин, соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, наметавонад воҳидҳои махсус дошта бошанд.

Дар ҳолати вайрон намудани талаботи Қоидаҳои мазкур соҳибкорони инфиродӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ва шахсони масъули мақомотҳои ҳудудии андоз ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.

### *Оид ба "Муқарраароти интиқолӣ"*

Чуноне, ки дар боло қайд гардид, тартиби андозбандӣ ва аз як тарзи андозбандӣ ба тарзи дигари андозбандӣ гузаштани соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №451, ки аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешаванд, то андозае тағйир дода шудааст. Бинобар ҳамин ва бо мақсади халалдор нагаштани фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми мавриди амал қарор дода шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда, алалхусус ҳангоми вуҷуд доштани ҳолатҳои гузариш аз тартиби андозбандии патентӣ ба тартиби андозбандӣ бо шаҳодатнома, ё ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ, дар санадҳои мазкур муқарраароти интиқолӣ пешбинӣ шудааст, ки масъалаҳои номбурдаро ба танзим медарорад.

Тибқи муқарраароти интиқолӣ агар дар соли 2012 даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз 100 ҳазор сомонӣ бештар бошад, ё намуди фаъолияташ дар соли 2013 ба Номгӯи нави намудҳои фаъолияти соҳибкории

инфиродӣ дар асоси патент мутобиқат накунад, соҳибкор ӯҳдадор аст:

1) то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро дар асоси патент қатъ намоянд. Ҳангоми идома додани фаъолият тибқи дигар низоми андозбандӣ, барои ба расмиёт даровардани қатъи фаъолият тибқи системаи патентӣ ва оғоз намудани фаъолият тибқи дигар низом **аз пардохти боҷи давлатӣ озод мебошад**.

2) агар соҳибкор хоҳиши идома додани фаъолияти соҳибкориро надошта бошад, пас барои анҷом додани расмиёт барои қатъи фаъолият боҷи давлатиро пардохт менамояд.

Агар дар соли 2012 даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, аз 500 ҳазор сомонӣ бештар бошад, чунин соҳибкор ӯҳдадор аст, ки:

1) то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро дар асоси шаҳодатнома қатъ намоянд (ба истинои супорандагони андози ягона). Дар ҳолати идома додани фаъолияти соҳибкорӣ, барои қатъ намудани фаъолият ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ва идома додани фаъолият бо ташкили шахси ҳуқуқӣ дар дигар низоми андозӣ, **боҷи давлатӣ ситонида намешавад**.

2) дар мавриди хоҳиши идома додани фаъолияти соҳибкориро надоштан, барои қатъи фаъолият боҷи давлатиро пардохт менамояд.

## Оиди тартиби оғоз ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ

Мутобиқи талаботи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз ҷониби шӯъбаю бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар муддати то се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо амалӣ карда мешавад.

Агар пас аз ба охир расидани ин мӯҳлат (се рӯзи корӣ), мақомоти андоз оиди бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ қарори дахлдор қабул накарда бошад, бақайдгирии давлатӣ анҷом дода шуда ба ҳисоб рафта, мақомоти андоз ӯҳдадор аст, ки ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ диҳад ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристад.

**Ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирӣ пешниҳодшаванда:**

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқшуда. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) ному насаби шахси воқеӣ;

б) суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроғае, ки дар он ҷой шахси воқеӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, маълумот барои тамос бо шахси воқеӣ;

в) рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ;

г) намуди (намудҳои) асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

д) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду расми андозаи 4х6;

3) нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо;

4) нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, иҷозатномаи иқомат);

5) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ, ва (ё) пардохтномаи (квитансия)-и пешпардохти маблағи патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ (мӯҳлати амали патент) – барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро доранд.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ мутобиқи моддаи 23 Қонун «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва ё патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошанд.

**Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси моддаи 24 Қонуни номбурда бо асосҳои зайл амалӣ мегардад:

1) аризаи соҳибкори инфиродӣ;

2) вафоти соҳибкори инфиродӣ;

3) қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ;

4) қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ;

5) қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) санади эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ба мӯҳлати муайян;

7) бекор кардани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи шахси хориҷӣ барои муваққатан ё доимӣ истиқомат намудан ва анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба охир расидани мӯҳлати чунин ҳуҷҷат.

**Тартиби бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

1. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар маҳалли бақайдгирии давлатии ӯ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ариза анҷом дода мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ пас аз ворид намудани сабт дар бораи он ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи худро гум мекунад ва бо иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

# Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# аз 31.08.2012, №451
# “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд”

Мутобиқи моддаҳои 284, 286, 289 ва 327 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент тасдиқ карда шаванд (Замимаҳои 1 ва 2).

2. Коэффисиентҳои минтақавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамоянд, тасдиқ карда шаванд (Замимаи 3).

3. Барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти кишоварзиро анҷом медиҳанд, меъёри андози иҷтимоӣ ба андозаи 10 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад. Маблағи пардохти андози иҷтимоии аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонад аз андозаи муқарраршуда зиёдтар бошад.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, № 656 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии шахсони воқеие, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд ва муқаррар намудани андозаи андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ, аз ҷумла роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахси ҳуқуқӣ намебошад» аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31.08.2012, №451
тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои**
**андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси**
**патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд**

1. Муқаррароти умумӣ

1. Андозбандии даромади умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом медиҳанд, тибқи Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

2. Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад.

3. Шахси воқеие, ки дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом дода, аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштааст, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ дониста мешавад.

4. Соҳибкори инфиродӣ то он лаҳзае, ки фаъолияти ӯ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда қатъ карда нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад.

5. Даромадҳои соҳибкори инфиродие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ гардиданд, ба даромади умумии андозбандишавандаи соҳибкор дохил карда намешаванд.

2. Қоидаҳои андозбандии фаъолият тибқи патент

6. Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст.

7. Бо дарназардошти талаботи Қоидаҳои мазкур пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози

иҷтимоӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад.

8. Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда тибқи Қоидаҳои мазкур анҷом дода мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин иҷро карда шаванд:

а) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (патенти дахлдор) ба номи чунин соҳибкор дода шуда бошад;

б) маблағи патент барои моҳи (моҳҳои) тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ (бо тариқи пешпардохт) пардохт шуда бошад;

в) соҳибкори инфиродӣ фаъолиятро бе ҷалби коргарони кироя ва бе амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом диҳад;

г) намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдодашавандаи соҳибкор дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки бо қарори мазкур тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардида бошад;

д) даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад.

9. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ амалан коргари кироя маҳсуб ёфта, фаъолияти он бо қонунгузории меҳнат ва (ё) шартномаи меҳнатӣ ва (ё) тартиби кории шахси ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад, ё шахси воқеӣ танҳо ба як шахси дигар хизмат намуда (кор карда), муносибатҳои онҳо дорои аломатҳои муносибатҳои меҳнати мебошанд, андозбандии чунин шахси воқеӣ дар асоси патент манъ мебошад.

10. Патент дар ҳолати мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки пешпардохти маблағи патентро барои (моҳи) моҳҳои тақвимии минбаъда тасдиқ менамоянд (барои шахси воқеӣ – шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ - дар моҳи (моҳҳои) тақвимӣ то охири соли тақвимӣ ё моҳхои тақвимии дар раводид ё дигар ҳуҷҷати муқарраршуда дарҷ гардида) эътибор дорад.

11. Дар ҳолате, ки фаъолияти соҳибкори инфиродӣ - дорандаи патент ба талаботҳои бандҳои 8, 9 ва 10 Қоидаҳои мазкурро мутобиқат намекунад, чунин соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи истифодаи системаи патентиро надорад ва ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба қатъ намудани бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ариза диҳад.

Дар акси ҳол чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад.

12. Маблағи пардохти патент аз намуди фаъолияти соҳибкори инфиродӣ тибки Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, давраи пардохт (моҳҳои пурраи тақвимӣ) ва минтақаи фаъолияти соҳибкории он вобаста мебошад.

